# Тақриз

**ба фишурдаи диссертатсияи Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна (Умарализода Таҳмина Мирзоали) дар мавзӯи**
**“Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо)”**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Таҳқиқи вожаву истилоҳоти кишоварзӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва асосӣ дар забоншиносии муқоисавӣ маҳсуб меёбад. Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои бисёр муҳимми бахши иқтисод буда, доманаи васеъ ва густурда дорад. Роҷеъ ба бархе аз ҷанбаҳои соҳаи кишоварзии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пажуҳишҳое ба анҷом расида бошанд ҳам, вале тамоми паҳлуҳои он то ҳол пурра мавриди таҳқиқи олимон - забоншиносон нагаштааст..

Диссертатсияи илмии Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна (Умарализода Таҳмина Мирзоали) ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми забоншиносӣ, яъне ба таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо) бахшида шудааст.

Ҳадафи интихоби мавзуи мазкур таваҷҷуҳи махсуси муҳаққиқи диссертатсия оид ба вижагиҳои сохторӣ-семантикӣ, таърихи пайдоиш ва рушду густариши калимаву истилоҳоти кишоварзӣ дар муқоиса бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин кам омӯхта шудани онҳо аз нуқтаи назари таърихиву забоншиносии қиёсӣ ба миён овард. Барои расидан ба мақсади мазкур муаллиф вазифаҳои муҳимми илмиро ба тартиби зайл анҷом додааст; таҳлили муқоисавии истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ, махсусан, зироатҳои ғалладона, олотҳои меҳнат ва раванди корбурди онҳо, феълҳои марбут ба кишоварзӣ, вожаҳои маросимиву суннатии кишоарзӣ, хусусиятҳои сохторию маъноӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Навгонии кори илмӣ – таҳқиқотӣ дар он зоҳир мегардад, ки бештари масъалаҳои мавриди пажуҳиш дар забоншиносии тоҷик, дар муқоиса бо забони англисӣ бори нахуст баррасӣ мешавад. Масъалаҳои ба нақшаи таҳқиқ воридшуда дар забоншиносии тоҷик дар шакли диссертатсияи ҷудогона аввалин бор ба риштаи пажуҳиш даромадааст. Ҳамзамон, бори аввал дар такя бо сарчашмаҳои илмӣ вожаҳои ба зироатҳои ғалладона, навъҳои онҳо, хусусиятҳои монанд ва фарқкунандаи истилоҳоти кишоварзии забонҳои муқоисашаванда, вижагиҳои сохторӣ ва семантикии вожаҳои кишоварзӣ, маросимӣ, суннатӣ, олотҳои меҳнат ва тарзи корбурди онҳо, равиши нав дар мавриди тавзеҳи маъно, ки дар ин хол мафҳуми кишоварзӣ ба воситаи

феълҳо муайян гардидааст, мавриди таҳқиқ забонҳои муқоисашаванда қарор гирифтааст.

Мувофиқи мақсад ва вазифаҳои пешниҳодшуда диссертатсия аз муқаддима, ду боб, даҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои пажуҳиш, руйхати адабиёти истифодашуда, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, мазмуни таҳқиқ дар ҳаҷм 183 - саҳифаи чопи компютерӣ манзур мегардад.

Дар муқаддимаи диссертатсия дар бораи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, предмет ва объекти пажуҳиш, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти илмиву амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои пажуҳиш, интишорот аз рӯи таълифоти илмӣ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот ироа гардидааст.

Боби якуми диссертатсия "Истилоҳоти марбути зироатҳои ғалладона дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" унвон дошта, дар бораи вижагиҳои сохториву маъноӣ, қаринаи таърихӣ ва ташаккулу таҳаввули истилоҳот ва вожаҳои кишоварзию ғалладонаҳо дар давраҳои гуногун, муодилҳои он дар муқоиса бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маълумот медиҳад.

Боби дуюм "Хусусиятҳои сохториву маъноии истилоҳҳои кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ном гирифта, дар фаслҳои боби мазкур тобишҳои маъноиву сохторӣ, муродифоти навъҳои зироати ғалладона, олотҳои меҳнат, вожаҳои марбут, ба суннатҳои маросимии кишоварзон, инчунин феълҳои ба ин соҳа робитадошта мавриди баррасии забонҳои муоқисашаванда қарор гирифтааст.

Дар хулосаи кори таҳқиқотӣ муҳаққиқ бардошти худро хеле муфассалу дақиқ ва равшану возеҳ ироа намудааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳим автореферати диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест. Дар афтореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ва лексикӣ дида мешаванд (саҳ. 8,11, 17,19, 20).

Дар маҷмӯъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомёфта таъсири манфӣ намерасонанд, зеро онҳо ислоҳпазиранд.

Ҳамин тавр, автореферати Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна (Умарализода Таҳмина Мирзоали) дар мавзӯи "Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо)" бо забони хуби илмӣ таълиф шудааст.

Автореферати диссертатсия ва 10 мақолаи диссертант, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон интишор гардидаанд, пурра мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд. Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна (Умарализода Таҳмина Мирзоали) дар мавзӯи "Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо)" ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳо аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор аст.


**Муқарриз:**
Доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси
кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд **Азизова Зарина Шавкатовна**

**Суроға:**
735699, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш.Гулистон, кӯчаи Истиқлол 80/1.
Тел: (992)92-7901995.
E-mail: zarina230995@mail.ru


Имзои доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси
кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи
иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд З.Ш.Азизоваро
тасдиқ менамоям.


Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд **Маҳмудов Шаҳзод Усмонҷонович**

"12" 04 2025

**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
хиёбони И. Сомонӣ-169, www.iet.tj,

E-mail: info@iet.tj, тел: 83422 6-03-21